«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
________________Назарзода Х.Х.
«____» ___________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич дар мавзуи «Такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонахо, низомҳо ва комплексҳо» пешниҳод гардидааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ ба бандҳои: 10.7. Таъминоти иттилоотии системаи идоракунии оммавӣ. «демократияи электронӣ», «давлати электронӣ», «ҳукумати электронӣ» ва технологияҳои маъмуригардонии электронӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия) мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосири рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон раванди беҳдошти муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва таъмини ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба иқтисоди ҷаҳон бо назардошти баланд бардоштани самараноки ҳамлу нақли бору мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ, истифодаи механизмҳои муосири идоракуниро тақозо менамояд.

Дар асоси таҳлили фаъолияти нақлиёти Тоҷикистон ва пеш аз ҳама нақлиёти ҳавоӣ бар меоянд, ки ин нақлиёт дар раванди мусофирбарӣ ва

боркашонӣ ҷойи муносибро ишғол менамояд. Аз тарафи дигар истифодаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҳисоби суръати баланди ҳавопаймоҳо ва рост кардани роҳи парвоз) дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт имкониятҳои рушди боркашонӣ ва мусофиркашониро фароҳам месозад. Инчунин нақлиёти ҳавоӣ яке аз намудҳои ояндадор ва дархостшавандаи зерсохтори на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҷаҳони муосир мебошад. Аз ин рӯ беҳдошти равандҳои идоракунии ин соҳаро бе истифодабарии низоми иттилоотӣ, идоракунӣ, барномаҳои муосири амалӣ, низоми автоматикунонидашудаи иттилоотию таҳлилӣ, маҷмӯи воситаҳои гуногуни моддӣ ва ғайра иборат мебошад, имконнопазир аст.

Дар маҷмӯ имрӯз зарурати такмил додани механизмҳои иттилоотиву таҳлилии низоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон бо назардошти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию таҳлилӣ алоқаманд буда, муҳимият ва асоси интихоби мавзӯъи рисолаи Давлатов Б.Ш.-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

Аз тарафи муаллиф нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун низоми мураккаб ва объекти идоракунӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳои он бо назардошти сифати байнисоҳавӣ доштан ва таъсираш ба истеҳсолоти моддӣ, ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа, истифодаи воситаҳои гайридоимӣ (ҳаракаткунанда), ғунҷоиши баланди энергетикӣ доштани раванди ҳамлу нақл ва идоракунии истеҳсолот, инчунин истифодаи воситаҳои фазоии парокандаи истеҳсолоти нақлиёт, ба ҳисобгирии хафҳо, назорати қатъиро тақозо менамояд муайян карда шудааст.

Дар рисола дар раванди қабули қарори идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ омилҳои зерин, ба монанди: сохтори ташкилии субъекти хоҷагидор, тақсимоти ваколатҳо дар ташкилот, сатҳу сифати иштироки кормандон дар қабули қарор ва сатҳи таваккал, вақт ва муҳити тагйирёбанда, инчунин маҳдудиятҳои иттилоотӣ ва рафтории субъектҳои хоҷагидор дар ин низом таъсири муайянкунанда доранд муайян карда шудааст.

Аз тарафи муаллиф рушди сегментҳои нави бозори авиатсионӣ, ки сабаби дигаргуншавии сохтори соҳа ва технологияи амалисозии бизнес дар ин нақлиёт мегарданд, муайян карда шуда, тамоюлоти рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ бо назардошти муттаҳидшавии навъҳои асосии муассисаҳои нақлиёти ҳавоӣ, рушди навъҳои нави бизнес-амсилаҳои ин муассисаҳо, ҷорӣ намудани инноватсия, аз ҷумла, дар натиҷаи рушди технологияи иттилоотӣ ва ғайра аниқ карда шудааст.

Дар диссертатсия дар шароити муосир тамоюли дастгирии давлатии рушди зерсохтори фурудгоҳҳои маҳаллӣ (маблағгузории онҳо аз ҳисоби

маблагҳои буҷети ҷумҳуриявӣ) дар доираи барномаҳои мақсаднок, азнавсозии онҳо, инчунин барои таъмини дастрасии ҳамлу нақли авиатсионии дохилии маҳаллӣ ва рушди зерсохтори ин нақлиёт дар минтақаҳои мамлакат аз ҳисоби субсидияҳо, муайян карда шудааст.

Коркарди суроғавӣ ҷиҳати асосҳои консептуалии эҷоду такмили системаи иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, системаи автоматикунонии ҷамъу коркарди иттилоот пешниҳод гардида, инструментҳои асосии ҷамъ ва коркард намудани иттилоот ва арзёбии фаъолияти субъектҳои низоми нақлиёти ҳавоӣ гурӯҳбандӣ ва тасниф дода шудааст. Инчунин хусусиятҳои коркарди амсилаҳои риёзӣ, усулҳои баҳисобгирӣ ва пешгӯии арзиши аслии маҳсулоти нақлиёти авиатсионӣ омӯхта шуда, роҳҳои такмили иттилоотию методӣ, техникӣ, ҳуқуқию идеологии инструменти идоракунӣ мебошанд, асоснок гардидааст.

Дар рисола роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳ (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ) методҳо, принсипҳо ва вазифаҳои асосии банақшагирии стратегии фаъолияти авиатсияи гражданӣ коркард карда шуда, амсилаи интихоби стратегияи дарёфти сатҳи оқилонаи сервиси хизматрасониҳои мусофирбарӣ бо назардошти сифати онҳо пешниҳод шудааст.

Вобаста ба татбиқи стратегияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои инноватсионии рушд, ташаккули низоми идоракунии муосири нақлиёт асосок карда шуда, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳлили он бо дарназардошти муҳиммияти рушди низоми нақлиёти ҳавоӣ, зарурати гузариш ба муносибати маҷмӯӣ муайян карда шудааст.

**Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву иешниҳодот ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, матни асосии диссертатсия 183 саҳифаи чопи компютериро фарогир буда, аз 36 ҷадвал, 1 расм ва 24 формуларо ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи масоили мавҷуда мавриди омузиш қарор дода шуда, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, инчунин тасвиби хулоса, натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия пешниҳод шудааст (саҳ. 4-15).

Дар боби аввал **«Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ дар шароити муосир»** (саҳ 16-66) бо дарназардошти муайян намудани нақши нақлиёти ҳавоӣ, муҳтаво ва механизмҳои идоракунии он дар сохтори мураккаби идоракунӣ ва инчуни

рушди нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб нақш ва мавқеи нақлиёти ҳавоӣ (саҳ.16-32) баҳо дода шуда ин намуди нақлиёт ҳамчун соҳаи иқтисоди миллӣ на танҳо дар ҳаллу фасли масоили сирф нақлиётӣ, балки дар ҳалли баъзе вазифаҳои махсус низ иштирок менамояд. Нақши ин нақлиёт дар ҳаллу фасли масъалаҳо дар соҳаи кишоварзӣ, барои хомӯш намудани сӯхтори бешазор ва соир сӯхторҳо, инчунин иктишофи геологӣ, яхӣ бо мақсадҳои варзишӣ ва ғайраҳо истифода мекунанд. Новобаста ба ин таъйиноти асосии авиатсияи гражданин амалисозии ҳамлу нақли мусофирон, борҳо ва почта тариқи ҳаво, аслан дар масофаҳои тӯлонӣ ва аксар вақт дар масофаҳои байнимитақавӣ мебошад.

Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар низоми нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти ҳавоӣ яке аз шаклҳои асосии нақлиёти мусофирбарӣ буда, аз рӯи ҳаҷми истифодаи ҳамлу нақли мусофирон ҷойи сеюмро ишғол менамояд. Истифодаи нақлиёти ҳавоӣ (аз ҳисоби суръати баланди ҳавопаймоҳо ва рост кардани роҳи парвоз) дар муқоиса бо намудҳои дигари нақлиёт дар масофаҳои миёна ва махсусан тӯлонӣ бурди калони вақтро фароҳам месозад, аз ин рӯ, самараи иқтисодии вақт рӯи кор меояд.

Дар рисола низоми идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, низ ба системаи идоракунии мураккаб дохил шуда хусусиятҳои умумӣ ва принсипҳои низоми нақлиёт асос ёфтааст (саҳ.33-49). Бо назардошти ин дар рисола принсипҳои асосии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар шароити муосир бо амали шудани назорати умумии давлатӣ аз рӯи қоидаҳо ва технологияҳои кори нақлиёт оид ба таъмини бехатарии ҳамлу нақл ва дастрасии баробар барои истифодабарандагон пурра дида баромада шудааст.

Дар асоси омӯзиш хусусиятҳои идоракунии нақлиёти ҳавоӣ бо назардошти зарурати иҷрои аниқи вазифаҳои технологии бо бехатарии ҳамлу нақл алоқаманд; яккасардорӣ, интизомнокӣ ва диспетчеркунонӣ дар идоракунии раванди ҳамлу нақл; алоқаи ногусастанӣ ва вобастагии байниҳамдигарии ҳамаи ҳалқаҳои занҷири нақлиётӣ муайян карда шудааст. Бо дарназардошти ин хусусиятҳо дар нақлиёт истифодаи усулҳои идоракунии маъмурӣ (ташкилӣ-амрӣ), иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ дида баромада шудааст. Инчунин истифодаи ин усулҳо дар якҷоягӣ, ки ҳавасмандии меҳнат, самаранокии кор, ҳамдилии иттиҳодиявӣ, ташаббускорӣ ва кордониро таъмин мекунанд, моҳирона мувофиқат намояд пешниҳод шудааст.

Дар рисола муаллиф рушди авиатсияи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идоракунии он дар шароити ҷаҳонишавӣдар доираи Барномаи давлатии мақсадноки «Рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2025», ки соли 2009 аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон қабул шудааст, амалӣ карда шуда истодааст дида баромадааст.

Бояд қайд намуд, ки дар рисола мақсади стратегияи нақлиётӣ рушди пешсафии комплекси нақлиётӣ-коммуникатсионӣ тибқи стратегияи ояндадори иқтисодии Тоҷикистон ҳисобида шудааст. Мо пешниҳоди муалифро ҷиҳати оне,ки дар натиҷаи амалисозии стратегияи нақлиётӣ гузариши низоми нақлиётӣ ба сатҳи сифатан нави амалкард анҷом дода шуда,шабакаи муносиби нақлиётӣ ташаккул ёфта истодааст дастгирӣ менамоем.

Аз тарафи дигар муаллиф дуруст қайд менамояд, ки гузариш ба маблаггузории инфрасохторҳо аз рӯи принсипи худмаблағгузории пурра имконият медиҳад, то ки барои рушди устувори минбаъдаи он ва дастгирӣ дар сатҳи баланди техникӣ ва технологӣ захираҳо ташаккул ёбанд. Дар ин зербоби охири боби аввал, муаллиф дуруст қайд мнамояд, ки комплекси нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ ба низоми нақлиётии ҷаҳонӣ узван пайваст шуда инфрасохтори нақлиётӣ мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ таҷдид шуда истодааст (саҳ.50-62).

Дар Тоҷикистон заминаи меъёрӣ ва низоми назорат дар соҳаи экология ба стандартҳои ҷаҳонӣ муносиб гардонида шуда истодааст ва ин имконият медиҳад, ки ҳиссаи ҳамлу нақли транзитӣ, ки воридшавии маблағи муҳимро ба буҷети давлат ва ширкатҳои нақлиётӣ таъмин мекунад, ба таври назаррас афзоиш дода шавад. Инчунин истифодаи методологияи таҳқиқоти идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ аз тарафи муаллиф истифодашуда дар шароити муосир имконият медиҳад самтҳои рушди он то давраи то соли 2030 асоснок ва пешниход карда шавад.

Дар боби дуюм **«Арзёбии ҳолати идоракунии фаъолияти фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми иттилоотии онҳо»** (саҳ.67-120) дар асоси таҳлили қиёсии ҳолати муосир ва дурнамои истифодабарии фазои ҳавоӣ бо мақсади рушди транзит ва нақлиёти ҳавоӣ дар кишвар гузаронида шудааст. Инчунин баррасии муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти хавоӣ дар Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Аз баррасии зербоби 2.1-ми рисола (саҳ.67-78) бар меояд, ки бо истифода аз маълумотҳои мавҷуда таҳлили қиёсии вазъи муосири нақлиёти ҳавоии кишвар гузаронида шуда қайд карда шудааст, ки дар солҳои охир, талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ мунтазам афзоиш ёфта, масъалаҳои аз нав муҷаҳҳазкунии техникии соҳа бо техникаи нави авиатсионӣ ва технологияи нави ташкили бизнес фаъолона суръат гирифта истодааст, ки ин ба ҷаҳонишавии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон таъсири мусбат расонида истодааст.

Ба ақаидаи муаллиф гарчанде солҳои охир инфрасохтор ва сохтори таҷҳизоту техника ва ҳавонаймоҳо сифатан нав шуда бошад ҳам аммо бо сабаби сатҳи рақобатпазии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоии мамлакат ва

вазъи доминантии хизматраснихои ширкатхои ҳавоии байналмилалӣ фаъолияти ширкатхои ватанӣ тамоюли пастравиро доро мебошанд.

Аз таҳлилҳои муаллиф бар меояд, ки тамоюли борокашонӣ ва мусофиркашонии тавассути ширкатҳои наклиёти ҳавоӣ мамлакат дар давраи солҳои 2014-2020 каме коҳиш ёфтааст (саҳ.79-85). Бо назардошти ин, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии ширкати нақлиёти ҳавоии мамлакат дар замони муосир мубрамият пайдо мекунад.

Дар ҳақиқат дар рисола муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи нақлиёти ҳавоӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди устувори ин комплекс бо рушди устувор ва густариши сатҳу сифати иқтисодӣ миллӣ ва иқтисоди минтақавии он, алоқаҳои иқтисодиву тиҷоратии беруна ва тамоюли рушди содирот алоқамандии зич дорад. Дар ин раванд ба масъалаи рушди транзит ва баррасии истифодабарии фазои ҳавоӣ дар ин зербоб диққати асосӣ дода шудааст.

Дар рисола дар сатҳи зарурӣ нақши иншооти калидии нақлиёти ҳавоӣ фурудгоҳ баҳо дода шудааст. Дар ин раванд вазифаҳо ҷиҳати қабул ва гусели ҳавопаймоҳо, хизматрасонии ҳамлу нақли ҳавоӣ муайян карда шуда, истифодаи таҷҳизоти барои ин мақсадҳо зарур таъиншуда ва комплекси хизматрасониҳое, ки фурудгоҳҳо пешниҳод менамоянд, ба пуррагӣ дида баромада шудааст.

Дар ин боб дуруст қайд шудааст, ки барои ҳар як гурӯҳи истеъмолкунандагон – ширкатҳои ҳавопаймоӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳҳо нишондиҳандаҳои гуногуни интихоби фурудгоҳ вуҷуд доранд, ки бояд мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ низ истифода шаванд.

Аз тарафи дигар дар заминаи чорабиниҳои дар ин марҳила амалишаванда усулҳои маркетингии муайянсозии талабот ва интизориҳои истеъмолкунандагон ва сатҳи қонеъ будани онҳо баррасӣ шудааст. Мо ақидаи муаллифро ҷиҳати аниқ дарк кардани эҳтиёҷоти ҳар як гурӯҳи мақсаднок дасгирӣ намуда қайд менамоем, ки ин имконият медиҳад, иқтидори фаъолият оид ба такмили талаботи дар мавҷудбуда муайян карда шуда, қонеъ намудани онҳо асоси рақобатпазирии фурудгоҳ гардад.

Дар зербоби охири ин боби рисола ҷиҳати пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ тадриҷан афзудани нерӯи молиявии ширкатҳои нақлиёти ҳавоии мамлакат ва баррасии муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон қайд шудааст (саҳ.98-120). Вобаста ба ин дар рисола дуруст қайд шудааст, ки дар таркиби маҷмӯаи муносибатҳои бозорӣ институти шартнома (контракт) ва чипта нақши калидиро мебозад. Масъалаи харидани чипта вақти зиёдро нагирифта мусофир тибқи класси хизматрасонии дар чипта ишорашуда ва дар мухлати

дар чипта қайдшуда ҳуқуқи парвозро медиҳад. Аз тарафи дигар чиптаи ҳавопаймо шартномаи байни ширкати авиатсионӣ – интиқолдиҳанда ва мусофир муайян шудааст. Аз ин рӯ дар рисола ин раванд ҳамчун механизми муҳими идоракунии молиявию рақобатпазирии ширкатҳо ҳисоб карда шудааст.

Мо ақидаи муаллифро ҷиҳати баҳодиҳии рақобат, сиёсат, низоми тарофаҳо ва тахфифҳои махсусро коркард мекунад, ки сафар кардан бо ҳавопаймои онҳо барои мусофирон ҷолиб мебошад дастгирӣ менамоем. Дар рисола дар сатҳи зарурӣ баррасии муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар Тоҷикистон сурат гирифтааст. Инчунин мо дар он ақидаем, ки низоми тарофаҳо ниҳоят гуногунранг буда, онҳо мавзун ва серҳаракат буда ба тағйироти бозор зуд мутобиқ мегардад.

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии такмили инструментҳои системаи иттилоотиву таҳлилии идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон»** (саҳ. 121-162) татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯйии талабот ба ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ гузаронида шуда, асосноккунии роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо (ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ) пешниҳод карда шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб ба татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯйии талабот ба ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ диққати асосӣ дода шуда, идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ, бо назардошти такмилу таъминоти иттилоотии идоракунии ва таҳлили маҷмӯи омилҳо ва шароитҳои таъсирбахшу беруна гузаронида шуда амаликунии ҳадафу вазифаҳои идоракунӣ ба назар гирифта шудааст саҳ.121-141).

Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки системаи ягонаи иттилоотӣ-таҳлилии замони муосир дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ имконоти васеъи ҳалли масъалаҳоро дар бар мегирад. Бинобар он, ширкатҳои ҳавоии мамлакатро зарур аст, ки як қатор консепсияҳои навини нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумотҳо, ки дар замони муосир ташаккул ёфтаанд, мавриди истифода қарор дода анборҳои иттилоот ва ё бонкӣ иттилоот; коркарди таҳлилии фаврӣ ва зеҳнии иттилоот, асосҳои консептуалии таҳияи низоми иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоиро ташкил медиҳад самаранок истифода намоянд.

Дар рисола модели хотимавии натиҷаҳои ҳисобкуниҳои вазифаҳои марказии муносибгардонидашударо ба ҳайси иттилооти аввалия истифода мешаванд хело ҷолиб (саҳ.126-132) пешниҳод шудааст. Пешгӯйии сегментарии ҳаҷми мусофиркашонии ҳавоии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.138-139) ва варианти ҷамъбастии (интегралии) пешгӯии ҳамлу нақл дар асоси пешгӯиҳои сегментарӣ (саҳ.140) боиси дастгирӣ аст.

Мо ақидаи муаллифро ҷиҳати таъсиси системаи автоматикунонидашудаи иттилоотӣ имкон медиҳад на танҳо дар соҳаи коркарди аналитикии амалкунанда, балки ҳангоми амали намудани қарорҳои идоракунӣ дар асоси иттилооти ҷамъшударо дар фаъолияти наклиёти хавоӣ дастгирӣ менамоем.

Аз баррасии рисола бар меояд, ки дар он аз тарафи муаллиф дар самти таъсис ва татбиқи системаи мутамаркази иттилоотӣ ва мониторинги истифодаи захираҳои фурудгоҳиро барои муҳайё намудани шароит ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳои ҳамоҳангшуда доир ба таъмини омадан ва рафтани мусофирон шароит фароҳам оварад, дар сатҳи зарурӣ асоснок ва пешниҳод гардидааст.

Ба ақидаи мо истифодаи системаи иттилоотии мутамаркази пешниҳодшудаи «Фурудгоҳ» имконият медиҳад, ки дастгирии равандҳои истеҳсолӣ, технологӣ ва молиявии ширкат таъмин карда шуда, талаботи санадҳои меъёрии Тоҷикистон ва байналмилалӣ нисбати фаъолияти фурудгоҳҳо ва идоракунии ҳаракати нақлиёти ҳавоиро танзим мекунанд, амалӣ карда шавад ва самаранокии кори фурудгоҳҳо баланд бардошта шавад. Технологияи амали муносибатҳои бозорӣ ҳангоми фурӯши маҳсулоти фурудгоҳ хело ҷолиб пешниҳод шудааст (саҳ.148).

Бояд қайд намуд, ки бо дарназардошти муҳимияти рушди низоми нақлиёти мамлакат, аз он ҷумла нақлиёти ҳавоӣ ҳангоми татбиқи стратегияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои инноватсионии рушд, зарурати гузариш ба муносибати маҷмӯӣ ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар диссертатсия аз тарафи муаллиф бо назардошти таъмини рушди инноватсионӣ ва гузариш ба идоракунии стратегии ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ пеш аз ҳама, коркарди инструкментҳои иттилоотиву таҳлилии стратегиро тақозо менамояд асонок карда шудааст.

Аз таҳлили рисола бар меояд, ки дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки барои ташкили идоракунии стратегии нақлиёти ҳавоӣ, сатҳҳои асосии стратегияи иттилоотӣ дар алоҳидагӣ бо назардошти амали намудани идеологияи корпоративӣ, инчунин стратегияҳои портфелӣ, рақобатӣ, функсионалӣ, амалиётӣ, ки ба ташаббусҳо ва равишҳои мушаххас дар роҳнамоии воҳидҳои асосии амалиётӣ дар ҳалли вазифаҳои ҳаррӯза дахл дорад зарур аст. Бо назардошти ин пешниҳоди стратегии ширкати ҳавопаймоиро дар асоси ба анҷом расонидани корҳои иттилоотиву таҳлилии ҳамбастаро тақозо менамояд асоснок карда шудааст. Инчунин дар асоси таҳлили ин боби диссертатсия мо аниқ намудем, ки дар он ба муайянкунии маҳсулоти фурудгоҳҳо, категорияҳои асосии истеъмолкунандагони он, ки ба онҳо ширкатҳои авиатсионӣ, мусофирон ва операторони фурудгоҳ дохил

мешаванд, ҷойи махсус ҷудо карда шудааст. Ба ин мақсад дар рисола дар сатҳи зарурӣ гурӯҳбандии иттилоот ва арзёбии номгӯйи нишондиҳандаҳои идоракунии фурудгоҳҳо ва мониторинги онҳо вобаста аз намудҳои мизоҷон амалӣ карда шудааст. Модели иқтисодӣ-риёзии ташаккули сиёсати тарофавии фурудгоҳ, ки аз тарафи муаллиф таҳия шудааст боиси дастгирӣ мебошад (саҳ. 154-156).

Ба ақидаи мо, дар диссертатсия низоми нишондиҳандаҳои идоракунии маҳсулот, ки унсурҳои асосии онро нишондиҳандаҳои комплексии сифат, сатҳи қонеънамудани истеъмолкунандагон ва нарх ташкил медиҳад, коркард шудааст, ки метавон онҳоро ҳамчун инструменти нисбатан нави иттилоотиву таҳлилӣ дар раванди хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва дар раванди амали намудани СМР-2030 дар Тоҷикистон истифода намуд.

Дар хулосаи рисола (саҳ.163-167) пешниҳодҳои назариявию амалии ҷиҳати мукаммалгардонии инструментҳои иттилоотиву таҳлилии низоми идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири рушди он оварда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия дар такмил додани асосҳои илмӣ ва методии идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳилаи нави рушди Тоҷикистон ифода ёфта, хулосахо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо роҳбарони соҳаи идораи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон метавонанд ҳангоми такмил додани механизмҳои идоракунӣ, коркарди стратегияи таъминоти иттилоотӣ ва кадрию беҳдошти фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо мавриди истифода қарор диҳанд.

Инчунин натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди омузиши фанҳои “Иқтисодиёти нақлиёти ҳавоӣ”, “Логистикаи нақлиёт”, “Технология, ташкил ва идоракунии ҳамлу нақл дар нақлиёт”, “Ташкил ва идоракунии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ” барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ ва такмили ихтисоси кормандони нақлиёти ҳавоӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

Аз тарафи дигар асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқарраротӣ бунёдии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба такмили механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон ва густариши муносибатхои иктисодии байналмилалӣ нигаронида шудаанд, асоснок карда шудаанд.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**. Аз тарафи муаллиф вобаста ба рисолаи илмӣ ҳашт корҳои илмӣ - таҳқиқоти иҷро гардидааст, ки дар маҷмуъ 4,0 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Аз онҳо чор мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда руйи чоп оварда шудаанд.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда.**

1.Дар боби аввали диссертатсия муҳтаво ва механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Новобаста ба ин муқоисаи механизмҳои идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоӣ сурат нагирифта, аз таҷрибаи хориҷии идоракунии ин соҳа бахрабардорӣ нашудааст.

2. Дар зербанди 1.3 рушди нақлиёти ҳавоии ҷумҳурӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хело бамаврид дида баромада шудааст. Мутаасифона на ҳамаи муаммохои идоракунии самраноки соҳаи нақлиёти ҳавоӣ дар мамлакат мавриди баррасӣ ва пешниҳод қарор дода шудааст.

3. Дар диссертатсия ба арзёбии муаммоҳои расонидани фурӯши хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосӣ дода шудааст. Мутаасифона ҳисобҳои мушаххас дар раванди рақамикунонии хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ пешниҳод шудааст.

4. Дар рисола татбиқи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯйии талабот ба ҳамлу нақл дар нақлиёти ҳавоӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Новобаста ба ин дар раванди пешгӯии талабот ба ҳамлу нақл масъалаи мутобиқати талабот ва пешниҳодот дида баромада нашудааст.

5. Роҳҳои такмили инструменти таҳлилии идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо дар Тоҷикистон боиси дастгирӣ мебошад. Новобаста ба ин арзёбии пурраи таҳлили фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳои кишвар сурат нагирифтааст.

6. Дар рисола мавҳумҳои душворфаҳм вомехӯранд, хатогиҳои ғрамматикӣ ва орфографӣ низ ҷой доранд.

**Мутобиқати автореферат ба муқарраротн асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба талаботҳои муайяншуда аз тарафи КОА аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо» мувофиқат менамояд.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрхои муқарраргардида.** Дар маҷмӯ рисолаи Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич дар мавзуи «Такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз

руйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо» омода карда шудааст, ба талаботи муқарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта буда муаллифи он Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 01.12. 2023, суратҷаласаи № 4 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

**Раиси маҷлис:**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи фаъолияти гумруки ДДТТ Ҳикматов С.И.

**Ташхисгар:**
д.и.и., профессор, профессори
кафедраи фаъолияти гумруки ДДТТ Раҷабов Р.К.

**Котиби маҷлис:**
муаллими калони кафедраи
фаъолияти гумруки ДДТТ Ғаюрова Р.С.

Имзои н.и.и., дотсент Ҳикматов С.И., д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. ва муаллими калон Ғаюрова Р.С.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДТТ Пиризода С.С.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2, ДДТТ.
тел: +992 (3422) 2348546.